Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

# Фурӯғ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав



27 феврали соли 2026. № 5 (591)

Почтаи электронӣ: furugh2000@mail.ru


**Сухани рӯз**

**Итминони комил дорам, ки мо ҳама аҳлонаву сарҷамъона минбаъд низ ба хотири рушду пешрафти Тоҷикистон ва Ватани азизамон заҳмат мекашем, ба ҳамаи ҳадафҳои некамон мерасем ва нуфузу обрӯи давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.**

*Эмомалӣ РАҲМОН*




# АЗ МАҶЛИСИ НАЗОРАТИИ НАЗДИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ

***Субҳи 23-юми феврали соли равон дар толори маҷлисгоҳи донишгоҳ ҷаласаи назоратӣ таҳти раёсати Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат баргузор гардид, ки дар он муовинони ректор оид ба таълим, илм, тарбия, иқтисод, робитаҳои байналмилалӣ, деканони факултетҳо, роҳбарони шуъбаву идораҳои дахлдор иштирок намуданд.***

Дар ҷаласа масъалаҳои ташкилу амалигардонии чорабиниҳои таъсирбахш ҷиҳати таъмини иштироки пурраи донишҷӯён ба дарсҳо, идомаи амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати омодагӣ ба аттестатсияи хатм, назорати таъмини иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ дар МТМУ –и ҳудуди шаҳри Бохтар, андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҷалби хатмкунандагон ба хизмати ҳарбӣ, амалӣ намудани чораҳои зарурӣ барои фаъолтар гардонидани раванди баргузории дарсҳои кушод, омодасозии нақшаи чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ ҷиҳати таҷлили Рӯзи Модар ва ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, пардохти шартномаи таҳсил, таъмини факултетҳо бо технологияҳои иттилоотӣ ва амсоли ин мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт.

Хурсанд Ҳамдамзода - муовини ректор оид ба таълим аз фаъолияти устодони факултетҳо дар ҳафтаи сипаригардида ҳисобот дода, доир ба масъалаҳои иштироки донишҷӯён ба машғулиятҳо, омодагӣ ба имтиҳонҳои хатм, раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар нимсолаи дуюми соли таҳсил, гузаронидани корҳои тарғиботӣ миёни довталабон дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ахбор пешниҳод намуд.

Баъдан, муовинони ректор оид ба илм ва инноватсия, тарбия, иқтисод ва робитаҳои байналмилалӣ дар бораи фаъолияти кормандон дар ҳафтаи сипаришуда иттиллоъ пешниҳод намуданд. Аз ҷумла, Ҳукмиддин Сафарбекзода муовини ректор оид ба илм ва инноватсия дар бораи ташкил ва баргузор намудани даври муассисавии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар донишгоҳ маълумот дода, иброз дошт, ки озмун дар донишгоҳ шафоф гузаронида шуда, иштирокчиён дар он фаъолона ширкат варзиданд ва аз ҷониби аъзои ҳакамон беҳтаринҳо ба даври шаҳрии озмун роҳхат гирифтанд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа ректори донишгоҳ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва ташкилу баргузор намудани чорабиниҳои дар пеш истода ба масъулин дастуру супоришҳои судманд дод.

Сафир, “Фурӯғ”

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР

Қонуни мазкур мақом, ҳифзи ҳуқуқ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва таъмини иҷрои самараноки уҳдадориҳои омӯзгорро танзим менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **омӯзгор** – шахси дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба таълиму тарбия машғул мебошад;

2) **мақоми омӯзгор** – вазъи ҳуқуқӣ, шаъну шараф, таъминоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор дар ҷомеа;

3) **омодасозии омӯзгор** – раванди тайёркунӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва аттестатсияи омӯзгор;

4) **бозомӯзӣ** - таҳсилоти баъдидипломӣ, ки бо мақсади азхудкунии ихтисоси нав гузаронда мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми омӯзгор ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) қонуният;

2) инсондӯстӣ;

3) ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии омӯзгор;

4) мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор;

5) таъмини ҳифзи иҷтимоии омӯзгор;

6) ҳамкории омӯзгор бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар раванди таълиму тарбия;

7) дахолат накардан ба фаъолияти касбии омӯзгор;

8) манъи ҷалби омӯзгор ба корҳое, ки бо раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд;

9) манъи санҷиш ва назорати ғайрисоҳавии фаъолияти омӯзгор.

### БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОР

**Моддаи 4. Дахлнопазирӣ ва ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор**

1. Шаъну шарафи омӯзгор дахлнопазир аст.

2. Шаъну шарафи омӯзгор аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд.

3. Амалҳое, ки бевосита ё бавосита ба паст задани шаъну шарафи омӯзгор равона шудаанд, манъ аст.

**Моддаи 5. Ҳуқуқҳои омӯзгор**

Омӯзгор ҳангоми иҷрои фаъолияти касбӣ ҳуқуқ дорад:

1) аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои фаъолияти омӯзгорӣ таъмини шароити зарурири талаб намояд;

2) муносибати эҳтиромонаро нисбат ба касби худ аз ҷониби таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда) талаб намояд;

3) шакл ва усулҳои таълимро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот интихоб намояд;

4) дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимӣ иштирок намояд;

5) бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ озмоишҳои илмию педагогӣ гузаронида, таҷрибаи пешқадамро дар амал татбиқ намояд;

6) дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагонро дар раванди таълиму тарбия мустақилона ва воқеъбинона баҳодиҳӣ намояд;

***(Давомаш дар саҳ. 2)***

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

7) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рухсатии меҳнатӣ барояд;

8) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ гузарад;

9) барои навовариҳои эҷодӣ ва ихтироъкорӣ дар фаъолияти таълимӣ ҳавасманд гардонида шавад;

10) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ машғул шавад;

11) дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнокро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъхир гузорад;

12) дар шароити муассисаҳои таълимӣ ва ё хона ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ машғул шавад;

13) барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон узви иттифоқи касабаи кормандони соҳа бошад;

14) дар кори идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла фаъолияти кори шуроҳо ва комиссияҳо, иштирок намояд;

15) ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

16) шахсонеро, ки ба раванди таълиму тарбия дахл надоранд, ба дарс роҳ надиҳад;

17) ҳангоми расидан ба синни нафақа дар сурати хоҳиш доштан фаъолияти омӯзгориро идома диҳад;

18) аз ҳуқуқҳои дигари муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд.

**Моддаи 6. Уҳдадориҳои омӯзгор**

Омӯзгор уҳдадор аст:

1) раванди таълиму тарбияро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад;

2) ба амалҳое, ки шаъну шарафи омӯзгорро дар ҷомеа паст мезананд, роҳ надиҳад;

3) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, атрофиён, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия намояд;

4) шаъну шарафи таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда)-ро эҳтиром намояд;

5) барои баланд бардоштани сифати таҳсилот тадбирҳои зарурӣ андешад;

6) дар фаъолияти меҳнатӣ қоидаҳои пӯшидани либосҳои тавсияшударо риоя намояд;

7) дар раванди таълиму тарбия ба тарғибу ташвиқи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ роҳ надиҳад ва таълимгирандагонро ба аҳзудкунии ғояҳои сиёсию динӣ водор накунад;

8) бо таълимгирандагон, қатъи назар аз миллат, наҷод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ ва вазъи иҷтимоӣ, муносибати беғаразона намояд;

9) аз таълимгиранда барои таҳсил, таъмири биноҳои муассисаи таълимӣ, обуна ба нашрияҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, зодрӯзи омӯзгор, занги камолот, рӯзи омӯзгор, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, театр, кино, корҳои ободонӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунад;

10) ҳангоми баҳодиҳии сифати таҳсилот меъёри баҳогузориро риоя намояд;

11) уҳдадориҳои дигари муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

**Моддаи 7. Маҳдудиятҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ**

Фаъолияти омӯзгории шахсони зерин маҳдуд карда мешавад:

1) шахсоне, ки тибқи санади судӣ аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ якумра ё барои давраи муайян маҳрум гардидаанд;

2) шахсоне, ки тибқи хулосаи тиббӣ дорои бемориҳои руҳӣ ё равонӣ мебошанд;

3) шахсоне, ки воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва ҳаммонанди (аналоги) онҳоро истеъмол мекунанд;

4) шахсоне, ки ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир кардаанд;

5) шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд;

6) шахсони гирифтори бемориҳое, ки номгӯйи онҳо аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шудааст.

**БОБИ 3. КАФОЛАТҲО ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ОМӮЗГОР**

**Моддаи 8. Кафолатҳо барои омӯзгор**

1. Ба омӯзгор аз ҷониби давлат фаъолияти озоди касбӣ кафолат дода мешавад. Муассисаи таълимӣ ба омӯзгор барои гузаронидани раванди таълиму тарбия шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Омӯзгор бо маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ таъмин карда мешавад.

2. Ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгор таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Ҷалб кардани омӯзгор ба кору намудҳои фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд нестанд, манъ аст. Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мавриди санҷиш ва назорат қарор дода мешавад.

3. Давлат барои ҳифзи саломатии омӯзгор чораҳои зарурӣ меандешад. Омӯзгор аз муоинаи тиббӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар муассисаҳои тиббии давлатӣ бо хизматрасониҳои солимгардонӣ фаро гирифта мешавад.

4. Давлат ба омӯзгороне, ки дар деҳот фаъолият мекунанд, ташкили шароити заруриро кафолат медиҳад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар доираи имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ҷиҳати бо манзили истиқоматӣ ва иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маблағҳои заруриро пешбинӣ карда, барои ба онҳо бе навбат ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ чораандешӣ намоянд.

5. Омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ аз пардохти андози қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба онҳо ҷудо карда шудаанд, озод мебошанд.

6. Пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатӣ ба омӯзгор аз ҷониби давлат кафолат дода мешаванд. Батаъхиргузории пардохти музди меҳнат ва пардохти маблағи рухсатиҳои меҳнатии омӯзгор манъ аст. Аз музди меҳнати омӯзгор гирифтани маблағ барои обунаи нашриёҳои ғайрисоҳавӣ, корҳои ободонӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ манъ аст.

7. Хароҷоти роҳкирои омӯзгорон барои гузаштани курсҳои такмили ихтисос ва сафарҳои хизматии дигари берун аз воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ пардохт карда мешавад.

**Моддаи 9. Ҳавасмандгардонии омӯзгор**

1. Омӯзгорон бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонида мешаванд.

2. Ба музди меҳнати омӯзгороне, ки дорандаи дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, дар муассисаҳои таълимӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулӣ ба андозаи 30 дарсади маоши вазифавӣ дода мешавад.

3. Ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна, ки шогирдонашон дар олимпиада ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро мегиранд, иловапулӣ ба андозаи 20 дарсади музди меҳнати амалкунандаашон дар давоми як соли таҳсили минбаъда пардохт карда мешавад.

4. Ба омӯзгор ҳамасола барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт карда мешавад.

5. Ба омӯзгор намудҳои дигари ҳавасмандгардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, пешниҳод карда мешаванд.

**БОБИ 4. ДАХЛНОПАЗИРИИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР, ВАЗИФАҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИГАР**

**Моддаи 10. Дахлнопазирии касбии фаъолияти омӯзгор**

1. Фаъолияти касбии омӯзгор дахлнопазир аст. Омӯзгор ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ аз дахолати мақомоти ғайрисоҳавӣ, таҳқир, зӯроварӣ ва фишор ҳифз карда мешавад.

2. Амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набояд монеаи иҷрои вазифаҳои касбии омӯзгор гарданд. Фаъолияти омӯзгор, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор дода намешавад. Омӯзгор набояд бо дахолати падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва шахсони алоҳида аз раванди таълиму тарбия дур карда шавад.

3. Мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар вазифадоранд, ки ҷиҳати ҳифзи дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор тадбирҳои зарурӣ андешанд.

4. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва эҳтироми хосса касб намудани мавқеи ӯ дар ҷомеа мунтазам чорабиниҳои гуногун ба роҳ монда мешаванд.

**Моддаи 11. Вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар**

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор вазифадоранд:

1) шахсият ва фаъолияти касбии омӯзгорро эҳтиром карда, ба амалӣ гардидани фаъолияти касбии ӯ мусоидат намоянд;

2) омӯзгорро ба кору фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия вобаста намебошад, аз ҷумла хариду фурӯши либоси мактабӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҷамъоварии маблағҳо барои андозҳо, обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, фурӯши чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, фаъолияти кишоварзӣ, ҷалб накунанд;

3) ҳавасмандгардонии омӯзгоронро аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ ба роҳ монанд, омӯзгоронро, ки таълимгирандагонашон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои ифтихорӣ гирифтаанд, бо маблағҳои пулӣ сарфароз гардонанд;

4) фаъолияти касбии омӯзгоронро берун аз раванди таълиму тарбия мавриди санҷиш ва назорат қарор надиҳанд;

5) омӯзгоронро вобаста ба масъалаҳои таълимгиранда берун аз вақти корӣ даъват накунанд;

6) корҳои тарғиботию ташвиқотиро оид ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор ба роҳ монанд;

7) бе зарурат аз омӯзгор маълумотнома дар бораи суд шудан ё таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор доштанро талаб накунанд;

8) барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки касбӣ ба омӯзгор шароити зарурӣ фароҳам оваранд;

9) барои гузаронидани муоинаи тиббӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

10) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан аз такмили ихтисос маблағ ҷудо намоянд;

11) аз омӯзгор барои обуна ба рӯзномаю маҷаллаҳо, чиптаҳои чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, корҳои ободонии муассисаи таълимӣ, харидани маводи таълимӣ, методӣ, аёниятҳо, воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари таълимӣ маблағ талаб накунанд;

12) ба омӯзгороне, ки берун аз сарбории муқарраргардидаи таълимӣ сарбории иловагии таълимӣ иҷро мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати иловагӣ пардохт намоянд;

13) барои бе навбат гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгоре, ки дар деҳот фаъолият дорад, мусоидат намоянд;

14) омӯзгоронеро, ки аз воҳидҳои маъмурию ҳудудии дигар ба деҳот барои таълиму тарбия сафарбар мешаванд, бо манзили истиқоматӣ ё маблағи иҷораи манзили истиқоматӣ таъмин намоянд;

15) иловапулӣ ба музди меҳнати омӯзгорро аз лаҳзаи гирифтани дараҷаи тахассусӣ пардохт намоянд;

16) ба талаб кардани ҳисобот ва ё маълумоте, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ алоқаманд намебошад, роҳ надиҳанд;

17) ба омӯзгор барои аъзо шудан ба иттифоқҳои касабаи кормандони соҳа ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳояшон монеа нашаванд;

18) омӯзгорро ба таври афзалиятнок барои сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мониторинги иҷрои талаботи қисми 2 моддаи мазкурро гузаронида, аз натиҷааш ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамоянд.

**БОБИ 5. ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОР**

**Моддаи 12. Тайёркунии омӯзгор**

1. Омӯзгор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тайёр карда мешавад.

2. Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ ба таври ройгон таҳсилоти олии дуюми равияи омӯзгориро гирад.

**Моддаи 13. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор**

Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 14. Аттестатсияи омӯзгор**

Аттестатсияи омӯзгор бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбии ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 декабри соли 2025, №2215**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 декабри соли 2025, №117**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. ИДИЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 октябри соли 2025, №192**




# Рӯйдодҳои ҳафт рӯзи донишгоҳ



## ТАРБИЯИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

***Таҳти ҳамин унвон санаи 19-уми феврали соли ҷорӣ дар толори китобхонаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар доираи нақша – чорабиниҳои шуъбаи тарбия ва ҳамкорӣ бо Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон бахшида ба 33-юмин солгарди Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши сиёсӣ – тарбиявӣ доир гардид.***

Дар кори ҳамоиш муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон Идибек Шарифзода, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, мудири шуъбаи тарбия, созмонҳои ҷамъиятӣ ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Дар ҳамоиш масъалаҳои тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ ҳамчун қисми муҳими раванди тарбияи ҷавонон баррасӣ шуданд, ки дар ташаккули эҳсоси муҳаббат ба Ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва нигоҳдории мероси фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

Наргис Нурализода, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ зимни суханронӣ изҳор дошт, ки тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ омили муҳими ҳифзи арзишҳои миллӣ буда, бояд дар меҳвари фаъолияти тарбиявии устодон қарор дошта бошад. Таъкид гардид, ки тарбияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ барои ҳифзи истиқлол ва ваҳдати миллӣ заминаи мустаҳкам гузошта, ҳисси масъулияти шаҳрвандиро боло мебарад.

Идибек Шарифзода, муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон изҳор дошт, ки тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ дар байни ҷавонон бояд таҳким ёбад, зеро он омили калидии ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ташаккули ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ мебошад.

Гуфта шуд, ки фаъолияти тарбиявӣ бо донишҷӯён бояд ба баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва омодагии онҳо барои ҳимояи Ватан мусоидат намояд ва ҳамкорӣ байни донишгоҳҳо ва раёсатҳои маҳалӣ зарур аст. Ин раванд на танҳо эҳсоси ватандӯстиро тақвият медиҳад, балки ба пешгирии таъсири омилҳои беруна кӯмак мерасонад.

Дар ҳамоиш донишҷӯён дар бораи вазифаҳои тарбиявии худ, аз ҷумла иштирок дар чорабиниҳои ватандӯстӣ ва омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ, ки заминаи асосии инкишофи сифатҳои втандӯстӣ мебошад, маълумот гирифтанд.

Дар охир аз донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд, ки дар чорабиниҳои ватандӯстӣ фаъолона иштирок намуда, ба ҳадафҳои давлатии таҳкими истиқлол мусоидат намоянд.

## ДАРСИ КУШОД ДАР ФАКУЛТЕТИ ХИМИЯ ВА БИОЛОГИЯ

***Доир ба мавзуи "Тавсифи умумӣ, моҳият ва таснифи усулҳои таҳлили ҳаҷмӣ" дар факултети химия ва биологияи донишгоҳ дарси кушоди Парвиз Ятимов, декани факултет бо донишҷӯёни курси дуюми ихтисоси химия-биология баргузор гардид, ки дар он кормандони шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот, омӯзгорон ва мудирони кафедраҳо иштирок намуданд.***



Дарс бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим гузаронида шуда, ҳадаф аз он баланд бардоштани сатҳи донишу маҳорати амалии донишҷӯён дар самти таҳлили ҳаҷмӣ буд. Дар ҷараёни дарс моҳият ва принсипҳои асосии таҳлили ҳаҷмӣ, афзалиятҳо ва соҳаҳои истифодаи он дар саноат ва илм шарҳ дода шуда, инчунин таснифи намудҳои асосии он ба донишҷӯён фаҳмонида шуд.

Омӯзгор Парвиз Ятимов зимни баргузории дарси кушод оид ба мавзуи баррасишаванда иброз намуд, ки: "Усули ҳаҷмии таҳлил чунин усули миқдорӣ мебошад, ки ба ченкунии ҳаҷми маҳлулҳои бо ҳам таъсиркунандаи мавод ва моддаи муайяншаванда асос ёфтааст. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки ба маҳлули моддаи муайяншавандаи А маҳлули консентратсияаш маълуми моводи В дар миқдори эквивалентии онҳо ҳамроҳ карда мешавад. Бо ёрии усули таҳлили ҳаҷмӣ миқдори моддаро ба зудӣ муайян кардан мумкин аст".

Омӯзгор дар раванди баргузории дарси намунавӣ бо истифода аз усулҳои нави таълим ва воситаҳои техникии муосир моҳияти мавзуъро ба донишҷӯён шарҳ дод, ки мувофиқ ба талаботи касби омӯзгорист.

Дар анҷом иштирокчиён баргузории чунин дасрҳои кушодро барои таҳкими робитаи назария ва амалия муҳим арзёбӣ карда, изҳори умед намуданд, ки донишҷӯён донишҳои андӯхтаи худро дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ ва истеҳсолӣ самаранок истифода хоҳанд кард.



## АЗ РАФТИ МАҲФИЛИ "ТАРҶУМОН" ДАР КАФЕДРАИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

***Бахшида ба 33-юмин солгарди Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21-уми феврали соли ҷорӣ дар назди кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик маҳфили навбатии «Тарҷумон» баргузор гардид.***

Маҳфил бо сухани ифтитоҳии мудири кафедраи рӯзноманигорӣ оғоз гардид. Мавсуф зимни суханронӣ иброз дошт, ки ташкил ва баргузор намудани чунин маҳфил ба тарғиби арзишҳои ватандӯстӣ ва омӯзиши таърихи Артиши миллӣ мусоидат мекунад.

Роҳбари маҳфил - Меҳрангез Шарипова зимни баромад изҳор дошт, ки Артиши миллӣ дар тӯли 33 соли фаъолият аз имтиҳонҳои душвори таърихӣ гузашта, ҳамчун такягоҳи боэътимоди давлату миллат муаррифӣ шудааст. Қайд гардид, ки маҳфили "Тарҷумон" имкон медиҳад то донишҷӯён маводҳои бахшида ба Рӯзи Артиши миллиро тарҷума ва муҳокима намоянд.

Дар идомаи маҳфил донишҷӯён бо маърузаҳо дар мавзуи «Таърихи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуда, марҳилаҳои ташаккул ва рушди Артиши миллиро шарҳ доданд. Ҳамчунин, порчаҳои шеърӣ дар васфи Ватан, Тоҷикистон ва ҷоннисории сарбозон қироат гардид.

Барномаи фарҳангии чорабинӣ ҳусни маҳфилро рангоранг намуд. Аъзоёни маҳфил порчаҳои шеъриро бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ қироат карданд. Саҳначаи тарбиявии «Аскарбача» ба намоиш гузошта шуд, ки аз эҳсоси ватандӯстӣ ва масъулияти ҷавонон, инчунин меҳри модар нисбати фарзанди сарбозаш дарак медод.

Маҳмадалӣ Маҳмадалиев, магистранти курси дуюми ихтисоси рӯзноманигорӣ, ки ихтиёран хизмати ҳарбиро адо намудааст, аз хотироти худ қисса карда, ҷавононро ба адои қарзи шаҳрвандӣ ва дӯст доштани Ватан даъват намуд.

Чорабинӣ бори дигар нишон дод, ки ҳисси ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба Артиши миллӣ дар миёни ҷавонон ҷойгоҳи хоса дорад.

# МИЗИ МУДАВВАР БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ



***Дар толори Шурои диссертатсионӣ санаи 23-юми феврали соли равон бо ташаббуси факултети сиёсат ва идораи давлатӣ бахшида ба Рӯзи Артиши миллӣ таҳти унвони «Артиши миллӣ –кафили амният ва субот» мизи мудаввар баргузор гардид.***

Самандар Раҷабализода, муовини декан оид ба илм ва инноватсия иштирокчиёнро ба муносибати ин рӯзи таърихӣ табрик намуда, иброз дошт, ки Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як давраи ҳасоси таърихӣ ташкил карда шудааст ва барои миллати тоҷик имкон дод, ки дар замони соҳибистиқлолӣ рушд намуда, обутоб ёбад. Имрӯз имконоту шароите, ки барои хизматчиёни ҳарбӣ ташкил карда шудааст, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки давра ба давра сатҳи буду боши хизматчиёни ҳарбӣ беҳтар мегардад.

Тибқи барномаи мизи мудаввар Диловар Ҷабборов, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ дар мавзуи «Нақши Артиш дар таҳкими давлатдории миллӣ» бо маърӯза баромад намуда, саҳми Артиши миллиро дар таҳкими давлатдорӣ баланд арзёбӣ намуд.

Баъдан, Д. Қурбонов - омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ дар мавзуи «Рӯзи Артиши миллӣ-рамзи шуҷоат ва ватандӯстӣ» баромад намуда, доир ба таърихи ташкилёбии Артиши миллӣ ва марҳилаҳои ташаккулёбии он фикрҳои худро баён намуд. Мавсуф қайд кард, ки ҳар як ҷавони бонангу номуси тоҷикро месазад ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ пайваста адои хизмати Ватан- Модарро ба ҷо орад, зеро адои хизмати Ватан - Модар қарзи шаҳрвандии ҳар яки мо мебошад.

Дар қисмати ҷамъбастии мизи мудаввар иштирокчиён андешаҳои худро баён доштанд.

# АЗ БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ "ВАТАНПАРВАР - 2026" ДАР ЛИТСЕЙ

***Дар Литсейи назди донишгоҳ санаи 20-уми феврали соли равон бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҳарбӣ-ватандӯстии "Ватанпарвар - 2026" баргузор гардид.***

Дар он комиссари ҳарбии шаҳри Бохтар -подполковник У. Аюбзода, раиси Кумитаи ташкилоти мададгори мудофиаи шаҳри Бохтар -М. Сангов, мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Бохтар - З. Атозода, роҳбарияти литсей ва хонандагони синфҳои 10 ва 11-ум иштирок доштанд.

Дар озмуни мазкур хонандагон фаъолона иштирок намуда, раванди баргузории озмун аз ҷониби масъулон мушоҳида ва баҳогузорӣ карда шуд. Озмун аз ду қисмати асосӣ: дуруст ва бехато қадаммонӣ дар сафи ҳарбӣ ва доштани дониши ҳарбию таърихӣ иборат буд.

Сараввал, Парчами давлатӣ ба саҳна ворид карда шуда, хонандагон ва иштирокчиён Суруди миллиро бо ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ қироат намуданд. Омӯзгори фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ Қурбонзода Баракатулло ба директори муассиса Нориён З дар бораи омодагӣ ба озмун ҳисобот дод. Хонандагон фармонҳои капитани гурӯҳ Убайдов Лутфуллоро бо маҳорати баланд иҷро намуданд. Раванди иҷрои амалҳои мазкур аз ҷониби аъзои ҳакамон назорат ва баҳогузорӣ карда шуд.

Барои муайян кардани дониши ҳарбию таърихии хонандагон аз ҷониби ҳакамон саволҳо пешниҳод гардид. Хонандагон низ фаъолона ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб гардониданд. Ҷиҳати ҳифзи марзу буми Ватан, далерию ватандӯстӣ ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ аз ҷониби масъулини соҳа ба хонандагон маълумотҳои муфид дода шуд.



Иштироки фаъоли хонандагон далели он аст, ки ояндаи кишвар аз имрӯза дида ободтару зеботар гашта, аз ҷониби ҷавонону наврасонаш чун гавҳараки чашм ҳимоя карда мешавад. Дар ҳақиқат, озмуни мазкур дар баробари баланд бардоштани маҳорат ва дониши ҳарбии хонандагон, инчунин беҳтарин васила барои баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллии онҳо мегардад. Ҳамаи ин аз фаъолият ва ҳавасмандии хонандагон ҷиҳати дар сатҳи баланд иҷро кардани озмуни мазкур, баръало мушоҳида гардид.

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ АРТИШ ДАР ЛИТСЕЙИ НАЗДИ ДОНИШГОҲ




***Санаи 23-юми феврали соли 2026 дар Литсейи назди донишгоҳ таҳти унвони "Мо ҳомиёни Ватанем" чорабинии ватандӯстӣ доир гардид, ки дар он хонандагону омӯзгорон иштирок намуданд.***

Нориён Зарина - директори литсей дар оғози чорабинӣ суханронӣ намуда, иброз дошт, ки Артиши миллӣ пойгоҳи мустаҳками давлат буда, ҳифзи марзу буми Ватанро ҳимоя мекунад ва ҳар як сарбози он рамзи шуҷоат ва садоқат мебошад.

Зикр гардид, ки ташкил ва баргузор намудани чунин чорабиниҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро дар худ таҳким бахшанд, ба мероси фарҳангии миллӣ шинос шаванд. Ҳамчунин дар фаъолияти дастаҷамъона рӯҳияи якдилӣ ва масъулияти иҷтимоиро дарёбанд ва бахри ояндаи дурахшони кишвар омодагӣ бинанд.

Эмомалӣ Шамсов, таҷрибаомӯзи факултети филологияи тоҷик бо иштироки хонандагони боистеъдоди литсей барномаи фарҳангии фарогири шеъру суруд, рақсу тарона ва саҳначаҳои ватандӯстиро пешниҳоди ҳозирин намуд.

Иштирокчиёни чорабинӣ бо ташкил ва баргузории чунин як барномаи баланди фарҳангӣ - фароғатӣ, ки иборат аз суруду таронаҳо ва саҳнаҳои ватандӯстӣ буд, изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки чунин чорабиниҳои фарҳангиро дар муассиса пайваста баргузор намоянд.

**Х. Саъдуллозода,**
**"Фуруғ"**



# АЗ ҶАРАЁНИ ҶАЛАСАИ «ҶАМЪИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН»

***Дар асоси нақшаи тасдиқгардидаи факултети сиёсат ва идораи давлатӣ рӯзи 24-уми феврали соли равон ҷаласаи «Ҷамъияти илмии донишҷӯён» баргузор гардид, ки дар кори он омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок намуданд.***

Сараввал, роҳбари «Ҷамъияти илмии донишҷӯён» Самандар Раҷабализода суханронӣ намуда, аҳамияти баргузории чунин ҷаласаҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, рушди маҳорати тадқиқотӣ ва баланд бардоштани савияи донишу малакаи донишҷӯён таъкид кард. Зикр дошт, ки "Ҷамъияти илмии донишҷӯён" бо мақсади мусоидат ба рушди корҳои илмӣ – таҳқиқотии толибилмон баргузор мешавад. Ин ҷамъият донишҷӯёнро ба фаъолияти илмӣ – ташкилӣ, лоиҳавӣ ва озмунҳои байналмилалӣ ҷалб мекунад ва робитаҳои илмиро байни муассисаҳо таҳким мебахшад.

Аз рӯи масъалаи якум Ҳ. Ҳусейнов донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ дар мавзуи "Омилҳои пешгирии амалҳои террористӣ дар миёни ҷавонон" бо маърӯза баромад намуда, иброз дошт, ки баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ метавонад ҷавононро аз шомил шудан ба гурӯҳҳои ифротгаро боздорад.

Аз рӯи масъалаи дуюми ҷаласа Ф. Шарифзода донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси танзими ҳуқуқи соҳаҳои идораи давлатӣ дар мавзуи "Тарбияи ҳуқуқӣ - омили баланд бардоштани маърифатӣ ҳуқуқӣ" баромад намуда, қайд дошт, ки шахси воқеан бомаърифат имкони бештари худро идора кардан дорад ва аз ин рӯ, рафтори худро ҳам ба талаботи ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ хубтар мутобиқ месозад. Шахсе, ки аз ҳуқуқҳои худ огоҳ аст, аз равандҳои рушд ва таҳаввул дар ҷомеа канор намонда, баръакс барои фатҳи зинаи навбатӣ бо такя ба соҳибҳуқуқӣ ва фаъолмандии худ такон мебахшад.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа Диловар Ҷабборов - мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ суханронӣ намуда, баргузории чунин маҳфилҳоро саривақтӣ ва муҳим шуморида, таъкид ба амал овард, ки донишҷӯёнро месазад дар чунин маҳфилҳо фаъол бошанд ва донишҳои назариявии худро такмил бидиҳанд.

**Зулфия Камолова,**
**таҷрибаомӯзи**
**рӯзномаи "Фурӯғ"**

# НЕРУИ ЗАФАРМАНДИ ВАТАН

***Артиши миллӣ яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор рафта, вазифаи калидиро дар таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва суботи дохилии кишвар иҷро менамояд. Дар шароити тағйирёбии низоми геосиёсии ҷаҳонӣ ва афзоиши таҳдидҳои глобалӣ нақши Қувваҳои мусаллаҳ боз ҳам муҳимтар мегардад.***



Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марҳилаи душвори ташаккули Истиқлолиятро паси сар намудааст, таъсиси артиши миллӣ зарурати стратегии таъмини амнияти давлатӣ буд. Низоми муосири амнияти миллӣ маҷмуи механизмҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва ҳарбиро дар бар мегирад. Дар ин низом Артиши миллӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: таъмини тамомияти арзӣ ва ҳифзи сарҳадҳои давлатӣ, муқовимат ба таҳдидҳои берунии ҳарбӣ, иштирок дар безараргардонии таҳдидҳои фаромиллӣ (терроризм, ифротгароӣ, қочоқи ғайриқонунии силоҳ ва амсоли онҳо) ва нигоҳдории суботи дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулода.

Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон ва ҳамсарҳад будан бо минтақаҳои ноустувор ин вазифаҳо аҳамияти стратегӣ касб менамоянд. Аз ин рӯ, артиш ҳамчун унсури муҳимми боздорандагии стратегӣ ва омили таъмини амнияти минтақавӣ баромад мекунад. Дар давраи Истиқлолият Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон марҳилаи тағйироти сохториро тай намуд. Сатҳи таҷҳизоти техникӣ тадриҷан беҳтар гардида, низоми омодасозии кадрҳои афсарӣ такмил ёфт. Ҳамчунин, ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии байналмилалӣ рушд пайдо намуданд.

Касбиятнокгардонии артиш таҳкими интизом, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, рушди илми ҳарбӣ ва баланд бардоштани устувории равонӣ-ахлоқии ҳайати шахсиро дар назар дорад.

Самти муҳимми дигар – тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон мебошад, ки масъулиятшиносӣ, эҳтиром ба давлат ва омодагӣ ба ҳифзи Ватанро тақвият мебахшад. Хулоса, Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон институти бунёдии таъмини субот ва амнияти давлатӣ ба шумор меравад. Ташаккули он дар шароити мураккаби таърихӣ сурат гирифта, дар солҳои Истиқлол ба кафили муҳимми соҳибихтиёрӣ ва рушди осоиштаи давлат табдил ёфтааст.

Тақвияти қобилияти мудофиавӣ, баланд бардоштани касбияти хизматчиёни ҳарбӣ ва навсозии заминаи моддӣ-техникӣ аз афзалиятҳои стратегии сиёсати давлатӣ боқӣ мемонанд. Дар шароити муосир артиш на танҳо сохтори ҳарбӣ, балки рамзи Ваҳдати миллӣ, масъулиятшиносӣ ва омодагӣ ба ҳифзи манфиатҳои давлат маҳсуб мегардад.

**Афзалшоҳи Сафархон,**
**омӯзгори кафедраи**
**технологияҳои**
**иттилоотӣ ва методикаи**
**таълими информатика**

АМНИЯТИ МИЛЛӢ

# ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМРО МАҲКУМ МЕНАМОЕМ!

***Пӯшида нест, ки тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ва созмонҳои террористӣ чӣ дар минтақа ва чӣ дар миқёси ҷаҳонӣ барои мавҷудияти кишварҳо хатарҳои ҷиддӣ эҷод намудаанд, аммо барои як инсони одӣ фаҳмиши терроризм, экстремизм ва радикализм душворӣ пеш меоварад.***

Бояд гуфт, ки мутахассисон дар ин масъала андешаи ягона надоранд. То ҳол таърифи қабулшудае аз тарафи олимон ва таҳлилгарон мавҷуд нест. Ҳар соҳибназар, таҳлилгари касбӣ нисбат ба ин падидаҳо андешаҳои мухталиф дорад. Дар соҳаи омӯзиши табиати терроризм, экстремизм ва радикализм шинохти он ҳамчун падидаи манфии ҷамъиятӣ тадқиқоти ҷиддие ҳанӯз анҷом наёфтааст.

Дар шароити муосири густариши босуръати раванди ҷаҳонишавӣ ҳар як миллату давлат барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ талош меварзад. Дар ин масир ҷавонон, ки қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб мешаванд, нақши аз ҳама муҳимро дар пешрафту тараққиёти ҳар як давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро мекунанд. Дар пешрафту тараққиёти Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол низ ҷавонони боору номуси тоҷик нақши бузурги созанда доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои камолоти ҳамаҷонибаи ҷавонон, баланд бардоштани ҳисси шаҳрвандию ватандӯстӣ, ҳомили ахлоқу фазилатҳои неки инсонӣ ва соҳиби илму ҳунар ва касбу пешаҳои муфид шудани онҳо шароити мусоидро фароҳам овардааст. Конститутсия ва қонунҳои демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонон таъмини тамоми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандию инсонии онҳоро кафолат медиҳанд.

Мутаассифона, дар ҷаҳони муосир омилҳои хатарноку фаромиллие вуҷуд доранд, ки дар сурати мубориза беамону муташаккилона набурдан бар зидди онҳо метавонанд ҷавонон- ин қувваи бузургро аз шоҳроҳи созандагию бунёдкорӣ берун кашида, онҳоро ба ҳаракатҳо ва созмонҳои ғайрисуннатию ифротии динӣ бипайванданд.

Бояд тазаккур дод, ки чунин ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро на танҳо дар байни мусулмонон, балки дар байни насрониҳо ва пайравони динҳои дигари ҷаҳонӣ низ вуҷуд доранд ва рафтори онҳо аслан бо усулу ақоид ва ҷавҳари таълимоти ҳеҷ як дин ё мазҳаби суннатӣ мувофиқ нестанд. Баръакс, ҳамаи онҳо бо таълимотҳои бунёдии худ ихтилофи ҷиддӣ доранд ва танҳо барои татбиқи манфиату ғаразҳои сиёсию моддии худ аз шиорҳои динӣ истифода мебаранд.

Зимни ташхису муайян кардани омилҳои ифротгароии динӣ ва сабабҳои густариши он дар байни бархе аз ҷавонони тоҷик дар назар доштан лозим аст, ки зуҳуроти ифротгароӣ барои фарҳанги миллию динии сокинони кишварамон, ки аксаран пайрави мазҳаби таҳаммулпарвари ҳанафӣ мебошанд, раванди тамоман бегона ва ноошно мебошад.

Ба ақидаи коршиносони масоили динӣ ва сиёсӣ ифротгароии динӣ вабои аср ва бемории сирояткунандаест, ки табобати он мисли табобати нашъамандӣ ниҳоят мушкил аст. Аз ин рӯ, илоҷи ин падидаи хатарнокро пеш аз ба вуқуъ пайвастани он ҷустан ва онро пешгирӣ кардан зарур мебошад.

Вазъияти мураккаби ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки ҳар як фарди ҷомеа, хусусан ҷавонон бояд соҳиби дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ гарданд. Омӯзгорон ва мутасаддиёни шуъбаҳои маорифро зарур аст, ки якҷоя фаъолият намуда, дар зеҳну шуури ҷавонон бартарияти соҳиби касбу ҳунар буданро талқин намоянд. Масъалаи пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароӣ ва экстремизми динӣ-сиёсӣ вазифаи танҳо ниҳодҳои дахлдор нест, балки тамоми шаҳрвандон бояд дар ин кор саҳм бигиранд.

Самаранокии мубориза бо падидаҳои хатарнок дар бисёр ҳолатҳо ба риояи талаботи қонунҳое, ки тарғибу ташвиқи барангехтани кинаву адовати миллӣ, низои иҷтимоӣ, нажодӣ ва диниро манъ мекунад, вобаста аст. Насли ҷавонро бояд тарзе раҳнамоӣ кунем, ки ҳикмати ба нафъи халқу Ватан ва ояндаи неку дурахшони он меҳнат карданро эҳсос намоянд ва дар таҳкими сулҳу ваҳдат, тақвияти дастовардҳои Истиқлолият ва давлатдории миллӣ мухлисона ширкат варзанд. Онҳоро зарур аст, ки дар пешрафту шукуфоии кишвар саҳмгузор бошанд ва баҳри ҳифзи якпорчагии Ватани азиз сина сипар созанд. Ин дастури Пешвои миллат дар кору фаъолияти насли ҷавони ҷумҳурӣ ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

**Бахтовар Файзуллоев,**
**омӯзгори факултети гумрук ва**
**таҳлили иқтисодӣ**

# Саҳифаи донишҷӯ

## КАФИЛИ СУБОТИ МАРЗУ БУМИ ВАТАН

***Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар як суханрониашон иброз доштанд: «Ба номи муҳофизони шуҷои Ватан ва эҳтироми мардуми кишвар на ҳар кас мушарраф шуда метавонад. Зеро ин кори душвор, вале пурифтихор аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ нияти нек, садоқат ба Ватан- Модар, виҷдони пок ва дили гармро тақозо мекунад».***

Мо ҳамеша ба далерию шуҷоати бемислу монанди афсарону сарбозони шуҷои Ватан, ки ба хотири ҳифзи муқаддасоти миллӣ, эҳтирому садоқат ба Конститутсия ва Президенти худ савганди ҳарбӣ кабул намуда, рисолат ва уҳдадориҳои худро дар назди давлат ва мардуми кишвар бо сарбаландӣ иҷро менамоянд, боварӣ дорем.

Мо мушоҳида мекунем, ки мактабҳои олӣ ва миёна ҷавононро тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ меомӯзонанд. Ҳамчунин давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бисёре аз ҷавонони тоҷик таълимгоҳҳои ҳарбиро хатм кардаанд, ки имрӯзҳо дар сафҳои гуногуни Қувваҳои Мусаллаҳ хамчун афсарони шуҷоъ қатори хизматчиёни олирутба кор мекунанд.

Дар баробари ин, бо гузашти солҳо чавонон низоми катъӣ ва шароитҳои хуби хизматро дарк карда истода, тартибу хизмати ҳақиқии ҳарбиро чун қарзи шаҳрвандӣ қабул менамоянд. Имрӯзҳо ҷавонони тоҷик бо сари баланд дар ҳама қисмҳои харбӣ, ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ хизмат карда истода, садоқати худро ба Ватан нишон медиҳанд.

Ҳамаи ин боварии моро ба тинҷиву оромӣ, осмони софу беғубор ва мустаҳкамии марзу буми кишвар дучанд сохта, бо азму иродаи қавӣ, дилу дидаи бедор меҳнат кардану расидан ба амалӣ шудани ниятҳои нек раҳнамун месозад.



**Ҳусейн Мусоев,**
**донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси журналист - тарҷумон, факултети филологияи тоҷик**

## ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА НАҚШИ ЛИБОСИ ТОҶИКӢ

***Дар замони пуртаззоди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, ворид гардидани фарҳанги бегона ба фарҳанги дигар миллатҳо бо маром идома дорад, ки барои арҷ гузоштан, ҳифз намудани фарҳанги миллӣ бояд саривақт сайъу талош намуд.***

Албата мо вақте ибораи фарҳангро ба забон меорем дар зеҳну шуурамон маҷмӯи миллатгароёна пеши назар меояд. Аммо дар фарҳанг қисме аз суннату одатҳои миллӣ, ки маҳз хоси як қишри ҷомеа онро нигоҳ медоранд, дониста мешавад.

Пас он қишре, ки як ҷузъи фарҳанги тоҷиконро нигоҳ медорад ин ҳам занону модарони тоҷик мебошад. Маҳз занону модаронанд, ки фарҳанги либоспӯшии чандинасраи худро нигоҳ дошта, ҳоло низ онро чун намунаи либоси миллии модарона ҳифз намуда истодаанд. Ин ҳамон либосест, ки аз матои шинаму зиннатбахш бо номи адрасу атлас, чакан то ба мо омада расидааст.

Ин либоси аҷдодии бонувону занони мо, бахусус барои духтарони тоҷик нақши муҳим дошта, ба ин васила одобу ахлоқ ва боиффатии онҳоро ҳангоми ба бар намудан нишон медиҳад. Махсусан дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон шакл ва тарзи дӯхти либос каме фарқ карда, хусусиятҳои умумии онҳо якхел мебошанд. Аз ҷумла пӯшиш, дарозӣ ва нақшу нигори миллӣ дар шаклгирии либосҳо яксон ба назар мерасанд. Либосҳо бештар аз матоъҳои гуногун омода шуда, дар он нақшу нигори гуногун ва бо маънои рамзи миллӣ ишора ёфтаанд.

Боиси сарфарозист, ки баъд аз соҳибистиқлол гардидани мамлакат фарҳанги миллии мо дар арсаи ҷаҳон мавқеи хоссаеро касб намуд, ки ин ҳам бошад бо талошу заҳматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дониста мешавад.

Дилбар Иззатуллоева – омӯзгори кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик ба ин назар аст, ки либоси миллии тоҷикӣ ҷузъи фарҳанги миллати соҳибтамаддуни мо ба шумор рафта, ҳар як зани тоҷик бояд ба фарҳангу тамаддуни худ арҷ гузорад ва рӯй ба хурофоту фарҳанги бегона наорад.

Дар ҳақиқат, либоси миллӣ ҷузъе аз фарҳанги миллӣ мебошад ва мо духтарон бояд либоси миллӣ ва фарҳанги миллиамонро пос дорем, то аз байн наравад.



**Зулфия Камолова,**
**донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси журналист – тарҷумон**

## ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ВАТАН, ДИН ВА МАЗҲАБ НАДОРАНД

***Терроризму экстремизм хатари воқеӣ ба ҷомеаи ҷаҳонист. Терроризм чун вабои асри XX1 имрӯз тамоми ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Имрӯз нисбат ба гурӯҳ ва ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ, ки бо истифода аз номи дини мубини ислом, ки дини поку таҳаммулгароист, ба амалҳои террористӣ даст мезананд, хуни ноҳақ мерезанд ва оромию осоиштагӣ ва суботи ҷомеаи башариро халалдор менамоянд, муборизаи оштинопазир бояд бурд.***




Имрӯзҳо терроризм ва экстремизм бо тамоми зуҳуроташ ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ аён гашта, доираи васеи кишварҳо ва минтақаҳои оламро фаро гирифта, ба падидаи мудҳиши умумибашарӣ табдил ёфтааст. Вақтҳои охир ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил шудани бархе ҷавонон ва занону духтарон ин дарди ҷонсӯзи миллату ватан аст. Имрӯзҳо гурӯҳҳои ифротгаро дар тасаввуроти ҷавонони мо тамаддуни исломро нодуруст шарҳ дода, онҳоро ба сӯи фанатизм ва экстремизм ҷалб менамоянд.

Бояд ҷавонони мо фирефтаи ҳар гуна гурӯҳҳои ифротгаро нагарданд. Ҳаминро бояд дониста бошанд, ки дарвоқеъ ҳеҷ гоҳ ба вуқуъ пайвастани амалҳои террористии ниқоби динидошта, аз ҷумла ниқоби исломидошта, моҳияти динро инъикос карда наметавонад. Мувофиқи сарчашмаҳои илмии этнографӣ халқи мо аз қадим либосҳои зебои занона дошт ва ҳеҷ гоҳ сиёҳпӯш набуд. Гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд, ки бо ақидаҳои фанатикии худ занону духтарон ва ҷавононеро, ки имрӯзҳо аз фарҳанги миллӣ, ҳисси хештаншиносӣ ва афкори дурусти ислом пурра огоҳӣ надоранд ба сӯи ифроту ифротгароӣ ҷалб намоянд. Бинобар ин, имрӯз дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, худшиносию худогоҳӣ тарбия кардани насли ҷавон, шукри истиқлоли Ватану давлатро намудан, шукри суботу оромӣ кардан ва барои ваҳдати ҷомеа талош доштану бегонапарастӣ накардан яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеаи мо дониста мешавад.



**Сафиямоҳ Юсупова,**
**хонандаи синфи 9-уми литсейи назди донишгоҳ, гирандаи стипендияи Президентӣ**

## ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ - ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

***Муҳимтарин роҳи рушду такомули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳоли ҳозир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷӯстани чораҳои ҳуқуқӣ, ҳангоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа, тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи шаҳрвандонро куллан тағйир медиҳад.***



Ба андешаи мо тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ метавонад, ҳамчун яке аз роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа, яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад. Беҳуда нест, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28 декабри соли 2023 дар Паёми хеш пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардад.

Аз хурдсолӣ раванди тарбия ва худомӯзии наврас оғоз меёбад, ки он аз омӯзиши меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷомеа мавҷудбуда иборат мебошад. Шахсе, ки аз ҳуқуқҳои худ огоҳ аст, аз равандҳои рушд ва таҳаввул дар ҷомеа канор намонда, баръакс барои фатҳи зинаи навбатӣ бо такя ба соҳибҳуқуқӣ ва фаъолмандии худ такон мебахшад. Чуноне, ки муҳаққиқон қайд кардаанд: «Тарбия, муҳайё кардани шароит барои рушд ва худрушдёбии инсон, дарёфти таҷрибаи иҷтимоӣ, фарҳанг, ахлоқ ва адаби инсонӣ аст, ки шахсро ба ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун инсони ассертивӣ (нисбатан мустақил аз фишорҳои беруна) ва боадаб ворид менамояд. Дар тарбия омилҳои муҳими ахлоқӣ ва фарҳангии инсон бо манфиатҳои оилавӣ, иҷтимоӣ, умумимиллӣ дар ҳамбастагӣ зуҳур меёбад».

Аз ин рӯ, бояд омилҳои манфиро бартараф намуда, омилҳои мусбати микромуҳити атрофро пурзур намуда, шояд омилҳои наверо ба вуҷуд оваранд, ки ба шахс ҷолиби диққатанд. Маълум аст, ки ҳама гуна рафтор бештар ба муносибати наврас бо одамони гирду атроф дар вақти муайян вобаста аст.



**Фаршед Шарифзода,**
**донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси танзими ҳуқуқи соҳаҳои идораи давлатӣ**

# НАҚШИ АРТИШ ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

***Солҳои аввали Истиқлолият барои кишвар давраи озмоишҳои сангин буданд. Дар чунин шароит зарурати мавҷудияти неруҳои мусаллаҳи миллӣ бештар эҳсос мегардид. Артиши миллӣ вазифадор буд, ки сохти конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандонро ҳифз намояд.***

Бо талош ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пояҳои устувори Қувваҳои мусаллаҳ гузошта шуданд. Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд, ки Артиши миллӣ бояд неруи содиқ ба давлату миллат, ҳомии сулҳу субот ва мактаби тарбияи ҷавонони ватандӯст бошад.

Хизмат дар сафи Артиш барои ҳар ҷавон шараф ва масъулияти бузург аст. Ин мактаб ҷавононро ба шахси боинтизом, масъулиятшинос ва содиқ ба Ватан табдил медиҳад. Дар муҳити низомӣ эҳтиром ба Парчами давлатӣ, Нишон ва Суруди миллӣ ҳамчун арзишҳои муқаддас ташаккул меёбад. Ҷавонон меомӯзанд, ки Ватан муқаддас аст ва ҳифзи он қарзи шаҳрвандии ҳар як фарзанди миллат мебошад.

Сулҳу суботе, ки имрӯз дар кишвар ҳукмфармост, бо заҳмати содиқонаи хизматчиёни ҳарбӣ ва сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти давлат ҳифз мешавад. Артиши миллӣ имрӯз ба як неруи муназзам ва касбӣ табдил ёфтааст, ки омода аст манфиатҳои миллиро ҳимоя намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақае ҷойгир аст, ки бо таҳдидҳои гуногуни амниятӣ рӯ ба рӯ мебошад. Терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ аз ҷумлаи чунин хатарҳо мебошанд. Артиши миллӣ дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои қудратӣ барои пешгирӣ ва бартарафсозии ин таҳдидҳо фаъолона амал менамояд.

Ҳифзи сарҳадҳои давлатӣ, махсусан дар самти ҷануб, вазифаи пурмасъулият ва шарафмандона аст. Сарбозону афсарон бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ марзу буми кишварро муҳофизат намуда, амнияти ҷомеаро таъмин мекунанд. Артиши миллӣ танҳо неруи мудофиавӣ нест. Дар ҳолатҳои фавқулода заминларза, сел, обхезӣ ва дигар офатҳои табиӣ хизматчиёни ҳарбӣ дар сафи аввал қарор гирифта, ба мардум ёрии амалӣ мерасонанд. Ин нишонаи инсондӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва садоқати онҳо ба халқу давлат мебошад.

Давлат барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Таъмини манзил, хизматрасонии тиббӣ ва дастгирии оилаҳои ҳарбиён мақоми иҷтимоии касби ҳарбиро баланд мебардорад. Зеро ҳомии Ватан бояд эҳсос намояд, ки давлат ғамхори ӯст.

Яке аз вазифаҳои муҳими Артиши миллӣ тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон мебошад.Ояндаи давлат аз насли ҷавон вобаста аст. Агар ҷавонон дорои худшиносии миллӣ, эҳсоси ифтихор аз таърих ва омодагӣ ба ҳифзи истиқлолият бошанд, пояҳои давлатдорӣ устувор мегарданд.

Артиш муҳити бародарӣ ва ягонагӣ мебошад. Дар он намояндагони тамоми минтақаҳо ва миллатҳои сокини кишвар паҳлу ба паҳлу хизмат намуда, ҳисси ваҳдати миллӣ ва дӯстии байни шаҳрвандонро тақвият медиҳанд. Ин омил барои таҳкими давлатдории миллӣ аҳамияти бузург дорад.

Эҳтиром ба Артиши миллӣ, эҳтиром ба давлат, ба марзу буми муқаддас ва баояндаи дурахшони Тоҷикистон аст. Бигзор дар қалби ҳар як ҷавони тоҷик эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносӣ



ва садоқат ба Ватан ҳамеша равшан бошад. Зеро танҳо бо ҳамин рӯҳия мо метавонем давлатдории миллии худро устувор нигоҳ дорем ва онро ба наслҳои оянда бо ифтихор ба мерос гузорем.

**Диловар Ҷабборов,**
**мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ**

# ВАТАНДӮСТИИ ОГОҲОНА - АСОСИ ДАРКИ МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

***Дар шароити ҷаҳонишавии босуръат, ки равандҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ марзҳои маънавиро коҳиш медиҳанд, масъалаи ҳифзи ҳуввияти миллӣ, худшиносии шаҳрвандӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии устувори насли наврас аҳаммияти вижа касб менамояд. Дар чунин замина тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун омили муҳими иҷтимоӣ-педагогӣ дар рушди ҷаҳонбинии ҷавонон баромад мекунад.***

Барои ҷомеаи тоҷик, ки давлати соҳибистиқлоли худро дар поёни асри XX эҳё намуд, ин масъала на танҳо аҳамияти тарбиявӣ, балки аҳамияти стратегӣ низ дорад. Ҷаҳонбинӣ ҳамчун низоми муназзами ақидаҳо, арзишҳо, эътиқодҳо ва мавқеи шахс нисбат ба ҷомеа, давлат, таърих ва оянда муайян мегардад. Ҷаҳонбинии насли наврас бошад, пояи устувории рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлат маҳсуб меёбад. Агар он бар асоси эҳтиром ба Ватан, ифтихор аз таърих, масъулияти шаҳрвандӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ ташаккул ёбад, заминаи рушди устувори иҷтимоӣ фароҳам мегардад.

Дар акси ҳол, заъфи худшиносӣ ва бетафовутӣ метавонад ба амнияти маънавии ҷомеа таъсири манфӣ расонад.

Таҷрибаи таърихии халқи тоҷик собит месозад, ки дар марҳилаҳое, ки худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ коҳиш ёфтааст, ҷомеа ба буҳронҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Баръакс, таҳкими худогоҳӣ ва ваҳдати миллӣ заминаи таҳкими давлатдориро фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстӣ бояд ҳамчун раванди пайваста ва ҳадафманд дар сиёсати маориф ва тарбия ҷойгоҳи устувор дошта бошад.

Дар шароити муосир насли наврас дар фазои иттилоотии мураккаб ташаккул меёбад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва муҳити рақамӣ ба ҷаҳонбинии ҷавонон таъсири мустақим мерасонанд. Бинобар ин, тарбияи ватандӯстӣ набояд танҳо ба шиорпардозӣ маҳдуд гардад, балки бояд рушди тафаккури интиқодӣ, худогоҳӣ ва қобилияти таҳлили иттилоотро дар бар гирад. Ватандӯстии огоҳона маҳз дар асоси дониш, маърифат ва дарки масъулияти шаҳрвандӣ ташаккул меёбад.

Оила низ ҳамчун ниҳоди аввалини иҷтимоишавӣ дар тарбияи ватандӯстӣ мақоми марказӣ дорад. Муҳаббат ба Ватан аз эҳтиром ба падару модар, забони модарӣ ва муҳити хонаводагӣ оғоз мегардад. Тарғиби арзишҳои миллӣ, эҳтиром ба қонун, меҳнатдӯстӣ ва масъулиятшиносӣ дар муҳити оилавӣ заминаи ташаккули шахсияти фаъол ва худогоҳро фароҳам меорад. Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила дар ин самт аҳамияти хосса дорад.



Иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии кишвар нишондиҳандаи сатҳи ҷаҳонбинии шаҳрвандии онҳо мебошад. Ҷавоне, ки дар корҳои ҷамъиятӣ, ташаббусҳои созанда ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ саҳм мегузорад, натиҷаи тарбияи мақсаднок ва муназзами ватандӯстона мебошад.

Сиёсати давлатии ҷавонон низ дар таҳкими ин раванд нақши муҳим мебозад. Фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил, фаъолияти меҳнатӣ, рушди эҷодӣ ва иштироки шаҳрвандӣ заминаи таҳкими ҳисси тааллуқ ба давлатро тақвият медиҳад. Эҳсоси ҳамбастагӣ миёни давлат ва ҷавонон омили муҳими ташаккули ҷаҳонбинии солими шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

**Давлатбекзода Вайсиддин,**
**муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети педагогика ва варзиш**

# ТАШАББУСҲОИ МУВАФФАҚОНА ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун роҳбари ташаббускор ва нақшгузор дар ҳалли мушкилоти глобалӣ эътироф шудаанд. Маҳз бо шарофати ин иқдомҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон бо нигоҳи боэътимод ва хайрхоҳона назар дорад.***

Президенти кишвар зимни суханрониҳои худ масъалаҳои гуногуни аҳамияти глобалидошта, алалхусус, пешгирӣ аз терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, баҳси кишварҳо барои обҳои байналмилалӣ, таъмини устувории ҳифзи муҳити зист, афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, густариши бемориҳои сирояткунанда ва ғайраро баррасӣ карда, ҷомеаи ҷаҳониро барои раҳоӣ ёфтан аз проблемаҳои замони муосир ва ҳалли ин мушкилот даъват менамоянд.

Моҳи декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, якдилона қабул кард. Ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро 153 давлати узви ин созмон ҷонибдорӣ намуд. Қабули чунин як қатъномаи барои ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ муҳиму муфид мояи ифтихору сарфарозии тоҷикони ҷаҳон гардид.

Дар асоси ин Қатънома 21 март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардид ва қарори дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо ва дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе низ ба тасвиб расид. Ин ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои инсоният ва сайёраи мо воқеан, аҳамияти бузург дорад. Зеро он ба ҳифзи табиат ва захираҳои обӣ, дар маҷмуъ ба ҳифзи ҳаёти инсоният дар сайёраи мо равона шудааст.

Тавре маълум аст, ҳар як ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо барои ҳимояи давлату миллати тоҷик, балки барои ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ нигаронида шудаанд. Ташаббусҳои оламшумули Сарвари давлат ва мақсаду мароми некашон аст, ки мардуми тоҷик дар арсаи ҷаҳон ҳамчун як миллати бузурги соҳибандеша шинохта шуд.

Бояд қайд намуд, ки зеҳни сунъӣ имрӯз яке аз муҳимтарин технология ба шумор меравад, ки метавонад роҳи рушди кишварҳоро куллан тағйир диҳад. Дар ин замина, қатъномаи махсусе, ки бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ба таҳкими иқдомҳо ва ҳамоҳангсозии механизмҳои татбиқи зеҳни сунъӣ бо ҳадафи ноил шудан ба натиҷаҳои равшан дар минтақа равона карда шудааст.

Маҳз дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии аҳамияти глобалидоштаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки имрӯз шаҳри Душанбе ва дигар манотиқи Тоҷикистон макони баргузории ҳамоишҳои гуногуни байналмилалию минтақавӣ қарор гирифтааст. Ин худ нишонаи истиқрори тадриҷии вазъ, эътироф ва эҳтироми сиёсати давлатдории роҳбарияти давлат мебошад.

Тавре маълум аст, Президенти кишвар барои ҳалли буҳрони сиёсии Афғонистон низ ҳамеша кӯшиш менамоянд. Хусусан, дар ироаи Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: “Мо чи аз тариқи минбарҳои байналмилалӣ ва чи дар доираи гуфтушунидҳо бо роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ пайваста даъват ба амал меорем, ки ба қазияи Афғонистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад”.

Хатарҳои вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, даҳшатангезию ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории трансмиллӣ, офатҳои табииву техногенӣ ва мавқеъгириву таъсиррасонии на ҳама вақт мусбати абарқудратон барои Осиёи Марказӣ возеҳанд, зеро ин минтақа дорои сарватҳои бузурги ҳаётан муҳими иқтисодӣ ва мавқеи геостратегию геополитикӣ мебошад.

Табиист, ки қудратҳои асосии ҷаҳонӣ барои ҳузур ва таъмини нақши худ дар минтақаи мо талош доранд. Мо бояд дар паҳлуи давлату ҳукумати худ бошем ва дастгири ташаббусҳои Пешвои муаззами миллати худ бошем. Зеро ҳар як ташаббуси Роҳбари давлат инъикоскунандаи манфиати ҳаётии кишвар ва ҷомеаи мост.

Дар маҷмуъ, таҳия ва татбиқи усуливу пайгиронаи стратегияи ҳамаҷониба асоснок ва санҷидаи байналмилалӣ бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои олии кишвар, ҳамчунин ҳамоҳанг сохтану омезиш додани онҳо бо ниёзҳо ва манфиатҳои глобалӣ сабабгори узви мустақил, фаъол, ташаббускор ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

**Ғолибшо Мирзоев,**
**омӯзгори факултети таърих ва ҳуқуқ, номзади илмҳои таърих**



# КИТОБ - ОИНАИ ФАРҲАНГИ МИЛЛАТ

***Дар замони муосир китоб, ки мояи асосии донишу хирад мебошад, пушту паноҳ ва сипари давлат ва халқ маҳсуб меёбад. Ин маъниро сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ собит намудааст.***

Устод Садриддин Айнӣ бо дили хунину сари шӯрида, бо китоби арзишманди хеш «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ибтидои қарни бистум ба дифои халқи тоҷик бархоста, ба дигар миллатҳо исбот кард, ки аз қадимулайём миллати тоҷик соҳибкитобу соҳибхирад будааст.

Аз ҳамин нуқтаи назар, аҳли илму адаб, инсонҳои бофарҳанг, равшанфикрони таҷрибадор, муҳаққиқон, мутахассисон, собиқадорон муаллифони асосии китоб мебошанд. Дар шароити ҷаҳони нооромии имрӯза масъулияти рӯшанфикроне, ки ба таълифу эҷод ва интишори китоб машғуланд, дучанд мегардад, чунки онҳо ҳамавақт дар сафи пеши корҳои созандагӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва инсонӣ қарор доранд.

Китоб аст, ки таърихи куҳанбунёди мо, ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, дурдонаҳои назми ҳазорсолаи мо, достонҳо ва илму дониши даврони бостонӣ, хираду заковати наслҳо ва халқҳоро зинда нигоҳ медорад. Китоб аст, ки бо нуру донишу маърифат роҳи мардумонро равшан сохта, боиси ҳастиву пойдории миллат, таърих, забон, адабиёт ва фарҳанг гардидааст.

Дар ташаккул ва рушди фарҳанги китобхонӣ нақши хонавода омили бисёр таъсирбахш аст. Хонаводаи беҳтарин муҳит барои тарбияи насли наврас буда, иртибот байни навхонон ва волидайн нерумандтарин иртибот ба ҳисоб меравад. Муҳит ва шароити хонавода, роҳҳои тарбия, тарзи тафаккур ва мавқеи волидайн дар баланд бардоштани ҷаҳонбинии ҷавонон нақши бориз дорад. Робита бо мутолиа, китобхонии ҷавонон, мавҷудияти китоб ва дастрасӣ ба он ҳамчун сатҳи иқтисодӣ ва пойгоҳи иҷтимоии хонавода барои ҷалб ба мутолиаи китоб нақши босазо дорад.

Нақши мактаб ва низоми омӯзишӣ низ дар густариши китобхонӣ бузург аст. Пас аз хонавода, душвортарин вазифа дар ривоҷи китобхонии ҳар ҷомеа бар ӯҳдаи мактаб, ниҳодҳои таълиму тарбия ва махсусан, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор аст. Агар донишомӯзии хонанда дар мактаб бо китоб оғоз ёфта, бо мутолиа ва худомӯзӣ идома ёбад, ӯ дар тамоми даврони зиндагӣ аз мутолиаи китоб даст намекашад.

Омили дигари равнақи фарҳанги китобхонӣ нақши китобдорон ва китобхонаҳо ба шумор меравад. Агар китобдорон аз илми китобдорӣ бархӯрдор бошанд, бешубҳа ҳамчун устод дар ташаккули зеҳн ва маърифати хонандагон метавонанд саҳми муносиб гузоранд.

Ҳама, бахусус ҷавонону наврасон кӯшиши илмомӯзӣ доранд, навобаста аз вазъи иқтисодию иҷтимоии хеш, ҳунарҳои наву замонавиро аз бар менамоянд ва омодаанд ба халқи хеш хизмат кунанд. Ҳамин ватандӯстиву меҳанпарварӣ, ки аз донишомӯзӣ, ҳунармандӣ ибтидо мегирад, маҳз дар китобхона тарбият мешавад.

"Фурӯғ"

# АРТИШИ МИЛЛӢ – РУКНИ МУҲИМИ ДАВЛАТДОРӢ

***Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 33 соли соҳибистиқлолӣ ҳамчун рукни муҳимтарини давлатдории миллӣ арзи вуҷуд дошта, дар таҳкими сулҳу суботи кишвар нақши арзишманд дорад.***

Артиши миллӣ пас аз соҳибистиқлолӣ, рамзҳои давлатӣ дастоварди бузурги таърихии миллату давлат ба шумор меравад, зеро бо ташкил шудани ин неруи пуриқтидори ҳарбӣ – сиёсӣ вазъияти кишвар орому осоишта гашта, бенизомию бесуботӣ хотима ёфт. Имрӯз Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати бунёдкорона ва ватанпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҷузъу томҳои ҳарбӣ – гарнизонӣ ва шароити моддию техникии онҳо ба талаботи замон мувофиқ шудааст.

Имрӯзҳо ҷавонон озодона ва бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва самимияти беандоза ба хидмати Модар-Ватан мераванд ва дар ҳифзи Истиқлолу Ваҳдати миллӣ содиқона хизмат менамоянд. Ҷавонон бо нангу номус барои ҳифзи марзу буми кишвар ва муқобили ҳама гуна таҳдиду хатарҳо камари ҳиммат баста, дар ҳолати омодабош қарор доранд. Имрӯз, Артиши миллӣ ба ҳайси як неруи бузурги сулҳхоҳ дар муқобили ҳама гуна таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ сипари боэътимод шинохта шудааст. Яъне эътимод ба Артиши миллӣ ин на танҳо қудрати яроқу аслиҳаи ҷангӣ мебошад, балки неруи бузурги ҷавонони ватандӯсту ватандор аст. Ҷавонони даврони Истиқлол пайи иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ва ватандорӣ ба хидмати ҳарбӣ сафарбар мешаванд. Онҳо дар ҳифзи сулҳу суботи кишвар хидмати босазо доранд ва мувофиқи шароити вазъи кунунии минтақа ва ҷаҳон тарбия ва омода мешаванд.

Бешубҳа, Артиши миллӣ мактаби бузурги ҷавонмардист, ки ҷавононро дар рӯҳияи далерӣ, зиракӣ ва ватандӯстӣ тарбия менамояд. Тавре Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон доир ба тарбияи ҷавонон дар хизмати ҳарбӣ таъкид карданд: «Хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ, тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи оинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад».

Имрӯз дар сафи Артиши миллӣ ҳазорон аскарону афсарони низомӣ, бо ҳисси баланди ватандорӣ ва ватандӯстӣ дар ҳифзу ҳимояи Ватани маҳбубамон хидматҳои бедареғ доранд. Корнамоиҳои шарафмандонаву далеронаи онҳо дар саҳифаҳои таърихи миллат боқӣ мондаву намунаи ибрати ҷавонони худшиносу худогоҳу мебошанд.



Артиши миллӣ ба сифати як сипари боэътимод ва созандаи кишвар дар пойдории сулҳу суботи комил ҳамеша саҳми босазо дорад. Дар ҳақиқат, бо итминон гуфта метавонем, ки имрӯз Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як пойгоҳи тавонои ҳарбӣ – низомӣ табдил ёфтааст.

**Умед Хуҷазода, декани факултети педагогика ва варзиш**


# ЭЪЛОН

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

1. **Дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ - 1 ҷой.**
2. **Дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва биологӣ - 1 ҷой.**
3. **Дотсенти кафедраи методикаи таълими технология - 1 ҷой.**
4. **Дотсенти кафедраи биологияи умумӣ - 1ҷой.**
5. **Дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ - 1 ҷой.**
6. **Мудири кафедраи психология.**




**Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро тӯли як моҳ, баъд аз интишори эълон, ба шуъбаи илм ва инноватсияи донишгоҳ пешниҳод намоянд.**



Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст! *Носири Хусрав*

**Фурӯғ**

Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**МУАССИС: ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**ҚУРБОНЗОДА МАҲМАДАЛӢ РАҲМАТ,** Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**ҲАМДАМЗОДА ХУРСАНД,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълим

**ҲУКМИДДИН САФАРБЕКЗОДА,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм

**НАРГИС НУРАЛИЗОДА,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия

**РУСТАМ ТАҒОЙМУРОДОВ,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ГАДОЗОДА АБДУКИБОР,** доктори илмҳои таърих, профессор

**БОЛТАЕВ МАЛИК,** номзади илмҳои кимиё, дотсент

**АҲМАДОВ САФАРМАД,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**МУҲАРРИР: НАИМЗОДА ҚУДРАТУЛЛО**

Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва дурустии аркому далелҳо бар дӯши муаллифон аст. Матолиби муаллифони беруна дар ҳаҷми то 3 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 пазируфта мешавад.

*Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №399/РЗ-97 аз 27 ноябри соли 2023 аз нав ба қайд гирифта шуда, аз 1 сентябри соли 2000 нашр мешавад.*

Рӯзнома ҳар ҳафта як маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

**НИШОНӢ:** ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 67
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:** furugh2000@mail.ru

Ҳафтанома дар матбааи ҶДММ «Аниса-95» чоп шудааст.

**Адади нашр: 11263 нусха**

***Ба чопаш 26. 02. 2026 иҷозат дода шуд.***